## Волонтёрӣ ба мо чӣ медиҳад?

- *саҳмгузорӣ ва фаъолнокии ҷамъиятӣ дар ҳал намудани мушкилоти муҳими иҷтимоии ҷамъият ва давлат;*
- *дар ҷамъият эътироф шудан ҳамчун шахси хайрхоҳ, ҷамъиятан фаъол, соҳиби дониш, малака ва таҷрибаи амалӣ дар самти муайяни фаъолият;*
- *дастрасӣ ба имтиёзҳо дар таъмингардӣ ба ҷойи кор ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ;*
- *таъмин гаштан бо ҳавасмандии моддӣ, дар шакли либос, ҷӯзъдон, сумка, дастгоҳҳои аудио – видеоӣ, иттилотӣ, сабтӣ ва ғайра;*
- *баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, дониш, таҷриба ва малака дар самти фаъолияти интихобкарда;*
- *соҳиб гаштан ба нуфузи махсус мавриди хизмати ҳарбӣ;*
- *истифода бурдани шароитҳои моддию техникии ташкилотҳои ҷалбкунанда;*
- *дастгирӣ ёфтан барои иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар;*
- *Вобаста ба имконот:*
- *омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва малакаҳои кор бо технологияи иттилоотӣ ба таври ройгон (бепул);*
- *иштироки ройгон дар давраҳои омӯзишӣ (семинарҳо, тренингҳо);*
- *иштирок дар чорабиниҳои васеъи умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;*
- *иштирок дар мулоқотҳо бо Президенти кишвар ва шахсони маъруфу шинохта, ба монанди чемпионҳо,ситораҳои эстрада, санъат ва кино ва ғайра;*
- *сафарҳои туристӣ дар дохил ва хориҷи кишвар;*
- *сазовор гаштан бо ифтихорнома, ҷоизаҳо ва унвонҳои фахрии давлатӣ;*
- *дар доираи ваколатҳои худ аз номи АМВТ баромад кардан.*

АССОТСИАТСИЯИ МИЛЛИИ
ВОЛОНТЁРОНИ ТОҶИКИСТОН

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 112

+992 37 2240695
+992 93 5761111, 918622203, 988210161
www.volunteer.tj ва ё
www.tajikistanvolunteer.wordpress.com
volunteertajikistan@gmail.com

АССОТСИАТСИЯИ МИЛЛИИ
ВОЛОНТЁРОНИ ТОҶИКИСТОН

Баҳри болидахотирӣ
ва дурахшандагӣ!

АМВТ

# ХАЙРХОҲӢ ШАРАФ АСТ, ВОЛОНТЁР МЕШАВЕМ!

# ДАР РОҲИ ХАЙРХОҲӢ ВА ДАСТЁБӢ БА НУФУЗУ ОБРӮЙ ВОЛОНТЁР МЕШАВЕМ!

## Волонтёр кист?

**Волонтёр** - *шахсест, ки ихтиёран ва бемузд ба фаъолияти фоидаовар ба манфиати ҷомеа дар шакли кору хизматрасонӣ машғул мебошад.*

## Волонтёрӣ ин хайрхоҳӣ аст!

*Хайру саховат танҳо дар шакли пулию молӣ анҷом дода мешавад. Кӯмак ба касе дар парешонию дармондагӣ ва ниёзмандӣ низ хайрхоҳӣ мебошад, ки маҳз ҳамин амал аз ҷониби волонтёрон анҷом дода мешавад.*



## Ки метавонад волонтёр бошад?

*Дилхоҳ шахси аз сини 16 сола боло, ки майли хайрхоҳӣ ва қобилияти алоқаманди зеҳнию ҷисмонӣ дорад метавонад волонтёр бошад.*

## Чӣ тавр волонтёр шудан мумкин аст?

*Барои волонтёр шудан қадамҳои зеринро мебояд аҷом дод:*

- *омӯхтани тамоми маводи дар сомонаи* www.volunteer.tj *ва ё* www.tajikistanvolunteer.wordpress.com *оварда шуда;*
- *омӯхтани Талабот барои фаъолияти волонтёрӣ;*
- *дархост/ариза додан барои машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ тавассути* volunteertajikistan@gmail.com*;*
- *ба қайд гузоштани худ (пур кардани анкета) дар сомонаи* www.volunteer.tj*;*
- *омӯхтан ва қабул кардани Созишнома оид ба фаъолияти волонтёрӣ;*
- *дастрас кардани Шаҳодатнома ва Дафтарчаи волонтёрӣ.*



*<u>Эзоҳ</u>: Дар ҳолати пайдо гаштани душворӣ аз ташкилоте, ки дар онҷо фаъолият менамоед ва ё намояндагони АМВТ дар маҳалҳо мусоидат талаб намоед.*

## Ӯҳдадориҳои волонтёрон кадомҳоянд?

- *иҷрои супоришҳои ташкилоти ҷалбкунанда ва АМВТ;*
- *итоат кардан ба роҳбари ташкилоти ҷалбкунанда;*
- *ҳифзи молу мулки дар раванди фаъолияти волонтёрӣ истифодашаванда;*
- *иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои созишномавӣ ва шартномавӣ;*
- *такмили дониш ва малака вобаста ба самт(ҳо)и фаъолияти интихобнамуда;*
- *бемузд анҷом додани фаъолият;*
- *иштирок дар ҷаласаҳои умумӣ ва ташкилӣ;*
- *бавосита ва бевосита амалӣ гардонидани вазифаҳои худ мувофиқи самт(ҳо)и фаъолият ва намудҳои хизматрасонии интихобкарда дар муҳлати на кам аз 24 (бисту чор) соат дар як моҳ.*

